*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-005 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)*

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои сотсиологӣ Таваллоев Музаффар Тавакалшоевич ба диссертатсияи Солиҳов Саймурод Тағоймуродович дар мавзуи «Масъалаҳои иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ).**

Мавзуе, ки ба сифати объекти таҳқиқи илмии диссертатсияи Солиҳов С.Т. интихоб карда шудааст, рӯзмарра ва актуалӣ мебошад, чунки фаъолияти шахс ва рушди ояндаи ҳар як халқу миллат дар шароити кунунӣ бештар ба иҷтимоишавии шахс вобаста аст, ки бевосита метавонад ба рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсиргузор бошад.

Зеро бо гузариш ба низоми нави ҷамъиятӣ муносибатҳои сиёсию иқтисодӣ ва маънавӣ тағйир ёфта, паёмадҳои он ба раванди иҷтимоишавии шахс таъсири назаррас расонид. Дар натиҷаи тағйирёбии ҷамъият ниҳодҳои пешин ба ҳолати аномия гирифтор шуда, ниҳодҳо ва сохторҳои навтаъсис, ки дар иҷтимоишавии шахс нақши ҳалкунанда мебозанд, ҳанӯз дар ҳолати гузаришу ислоҳот қарор доранд. Дар чунин шароити ҳассос, хусусияти хоси иҷтимоишавии шахс дар фазои пасошуравӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ба дигаргуншавии муҳити оила, табдилёбии сохтори иҷтимоӣ, тағйирпазирии меъёрҳои анъанавии рафтор, арзишҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоишавии насли наврас таъсири бевосита расонидаанд.

Диссертатсияи Солиҳов Саймурод дар ин самт қадами устувор буда, дорои аҳаммияти илмию амалӣ мебошад. Довталаби дараҷаи илмӣ зимни истифодаи асарҳои зиёди илмию таҳқиқотии олимони ватанию хориҷӣ кӯшиш намудааст, ки равишҳои назариявии барои таҳқиқи раванди иҷтимоишавии шахс бомавридро таҳлилу барасӣ намояд.

Интихоби дастгоҳи дурусти методологӣ, аз ҷумла такя ба методҳои таҳқиқи муқоисавӣ, мантиқию таърихӣ ба муаллиф имкон додааст, ки масъалаи иҷтимоишавии шахсро дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон ошкор созад. Ногуфта намонад, ки муаллиф барои анҷоми рисолаи илмӣ тадқиқоти сотсиологӣ гузаронида, аз натиҷаҳои он васеъ истифода намудааст.

Чуноне ки аз мундаричаи диссертатсия бармеояд, муаллиф таҳлил ва баррасии хусусиятҳои иҷтимоишавиро дар давраи тағйирёбии ҷомеаи Тоҷикистон ба сифати мақсади асосии худ интихоб намудааст.

Дар пояи ҳадафи гузошташуда муаллиф кӯшидааст, ки як силсила вазифаҳои ҷиддии таҳқиқотӣ аз қабили рӯшанӣ андохтан ба паҳлӯҳои назариявии муайян намудани вобастагии иҷтимоишавии шахс аз табдили муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ошкор намудани таъсири муҳити иҷтимоӣ ба иҷтимоишавии шахс, раванди иҷтимоишавии шахс дар муҳити оила, муайян намудани омилҳое, ки ба раванди шуғли насли наврас таъсир мерасонанд ва ғайраро мавриди омӯзишу хулосабарорӣ қарор додааст.

Қобили зикр аст, ки довталаби дараҷаи илмӣ хеле ҳам хуб аз уҳдаи вазифаҳои дар наздаш гузошта баромадааст, ки онҳоро чунин шарҳ додан мумкин аст:

- **Якум,** дар натиҷаи дигаргуншавии низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иқтисодӣ тағйир ёфтанд, ки ба раванди иҷтимоишавии шахс дар ҷомеа таъсир гузоштанд. Азбаски омилҳои номбурда асоси рушди ҷанбаҳои гуногуни ҷамъиятро муайян мекунанд, аз ин сабаб масъалаҳои воқеии иҷтимоӣ, ки бояд мушкилоти ҳаёти оилавиро ба таври самаранок ҳал мекард, баръакс боиси камбизоатии як гурӯҳи оилаҳои ҷумҳурӣ гашта, раванди иҷтимоишавии шахсро, чӣ дар раванди таҳсилоти босифат ва чӣ дар раванди тақсимоти меҳнат ва фарогирии фаъолияти меҳнатӣ халалдор намуд. Махсусан, ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ набудани сифати тахассусӣ яке аз масъалаҳое мебошад, ки на танҳо барои иҷтимоишавии шахс дар оила, балки барои иҷтимоишавии шахс дар фаъолияти меҳнати коллективона ва таҳсилот монеа эҷод мекунад. (саҳ. 40-41)
- **Дуюм**, дар шароити тағйирёбии ҷомеаи тоҷикистонӣ, гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ ҳаллӣ самараноки мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ аз тағйироти фаъолияти пурраи тамоми табақаҳои иҷтимоии ҷомеа вобаста аст. Маҷмӯи арзишҳое, ки шахс дар раванди таълиму тарбия аз худ кардааст, маҳз аз ҷониби ҷомеа ба ӯ интиқол дода мешаванд. (саҳ. 63) Муаллиф дар рисола таъкид доштааст, ки «ташаккули низоми босифати таълиму тарбия ва иҷтимоишавии ҷавонон зарурати таъхирнопазир мебошад». (саҳ. 64) Фикр мекунам, ки ин нукта қобили таваҷҷуҳ ва дастгирист.
- **Сеюм,** иҷтимоишавии ибтидоии шахс аз микромуҳити иҷтимоии атроф, фазои психологӣ дар оила, шароии таълиму тарбия, муносибат бо волидон ва шахсияти худи волидон вобаста буда, бешак дар ташаккули

ҷаҳонбинии кӯдакон ва эътиқоди ахлоқии онҳо нақши муҳим дошта, дар навбати аввал ба хислатҳои шахсӣ ё характери ӯ таъсир мерасонад. (саҳ 91)

- **Чаҳорум,** низоми маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ воситаи асосии инкишофи соҳаи иқтисодиёт, илму техника ва истифодаи равандҳои технологӣ дар истеҳсолот буда, дар тайёр намудани мутахассисони касбӣ дар шароити саноатикунонии кишвар нақши муассирро иҷро менамояд. Дар баробари ин тарбияи ҳуқуқӣ дар низоми маориф ба раванди иҷтимоишавии шахс, бахусус дар соҳаи фаъолияти насли наврас дар бахшҳои ҷамъиятӣ, муҳим баррасӣ мешавад. (саҳ. 118)
- **Панҷум,** дар раванди тарбияи меҳнатӣ ҳар як шахс зарурати саҳм гузоштанро барои иқтисодиёти ватанӣ ва некуаҳволии моддии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ ҳис менамояд. (саҳ 147)

Қобили ёдоварист, ки пешниҳодҳои муаллиф мушкилоти мавҷудаи марҳилаи имрӯзаи ҷомеаро ба хубӣ инъикос менамоянд ва тавсияҳои ӯ ҷиҳати иҷтимоишавии насли наврас ва ҷавонон, нақши низоми маориф дар ин раванд, баланд бардоштани сифати таълим, тарбияи маънавии насли наврас, тарбияи ҳуқуқӣ ва меҳнатӣ саҳми арзишманди муаллиф дар рушди илмҳои сотсиологӣ мебошад.

Хулоса, масъалаҳои иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот метавонад дар фазои илмӣ-тадқиқотӣ баррасиҳои дигарро заминагузор бошад ва дар оянда паҳлӯҳои гуногуни масъалагузориҳои мазкур мавриди таҳлил қарор гиранд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду бобу панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни рисолаи номзадӣ аз 21 расм ва ҷадвалҳои натиҷаи тадқиқоти сотсиологӣ иборат аст. Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, сатҳи омӯзиши масъала, ҳадаф ва вазифаҳо, объекти мавзуъ, асосҳои назариявию методологӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дар боби якум масъалаҳои назариявию методологии омӯзиши иҷтимоишавии шахс дар давраи тағйирёбии ҷомеа дар илмҳои ҷомеашиносӣ ва дар боби дуюм хусусиятҳои иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон, сабабҳои мушкилоту мураккабиҳои дар ин ҷода ҷойдошта ва роҳу воситаҳои ҳаллу фасли онҳо мавриди таҳқиқ ва хулосабарорӣ қарор гирифтаанд.

Мазмуну муҳтавои диссертатсия бо мундариҷаи он мувофиқати комил дорад ва мантиқан ба ҳам алоқаманд буда, бобу зербобҳо аз ҷиҳати илмию услубӣ якдигаро пурра менамоянд. Довталаб масъалаҳои ба миёнгузоштаро пайдарҳам баррасӣ намуда, дар ин асос хулосаҳои дуруст

баровардааст. Чунин муносибат ба мавзуи таҳқиқот аз босалоҳиятии вай гувоҳӣ медиҳад.

Диссертатсия, бешубҳа, таҳқиқоти мустақил ва баанҷомрасидаи илмӣ буда, дар сатҳи хуби идеявию назариявӣ навишта шудааст. Дар диссертатсия як қатор нуктаҳо ва тавсияву хулосаҳое ҷой доранд, ки онҳоро ҳамчун саҳми шахсии муаллиф дар рушди назарияи арзишҳои маънавӣ арзёбӣ кардан мумкин аст. Андешаҳои муаллиф бо сарчашмаю таҳқиқотҳои илмӣ, таҳлил ва хулосабориҳо асос ёфтааст. Автореферат ва мақолаҳои интишорнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос менамоянд.

Мақолаҳои илмии ба нашр расидаи унвонҷӯ (13 мақола) аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, пурра мазмуни диссертатсияро ифода менамоянд.

Ҳамзамон бояд таъкид кард, ки бо вуҷуди сифатҳои мусбате, ки доир ба онҳо сухан рафт, диссертатсия аз як қатор камбудиҳо орӣ нест:

1. Дар зербоби 2-юми боби дуюми мундариҷаи диссертатсия «Нақши маориф дар иҷтимоишавии шахс» бо тарҷумаи русӣ дар автореферат «Система образования в социализации личности» мувофиқат намекунад. (саҳ. 19).
2. Дар рисола як зумра ҷумла ва ибораҳое вуҷуд доранд, ки душворфаҳм ҳастанд. Аз ҷумла: «Дар илмҳои маърифатӣ, барои муайян кардани натиҷаҳо дар низоми маориф ба ин ниҳоди иҷтимоӣ пеш аз ҳама, аз нуқтаи назари шахсоне, ки сатҳи дониши умумии таълимӣ ва касбии худро меомӯзанд ё такмил медиҳанд, собит шудааст» (саҳ. 105), «Маълумот чун интиқоли як маҷмуи маълумот шарҳ дода мешавад» (саҳ. 6), (маълумоти дуюм дар ин ҷумла, шояд «дониш» бошад). «Дар муайяннамоии моҳияти раванди иҷтимоишавӣ ду нуқтаи назар мавҷуд аст. Ақидаи якум, иҷтимоишавӣ – шакли мушаххаси таълим (омӯзиши батадриҷ), ин «кӯча бо роҳрави ягона» аст, ки роҳрави ишорашудаи ҷамъият мебошад ва худи инсон объекти ғайрифаъоли таъсироти гуногуни он тасвир мегардад. Бо ин фикри муаллиф аксарияти ҷомеашиносон дар айни замон розӣ мебошанд ва онро дар парадигмаи ба ҳам таъсиррасонии мутақобила ва на танҳо фаъолияти нишондодаи ҷомеа (агенти иҷтимоишавӣ), балки фаъолияти интихобкунандаи шахсро низ таъкид мекунанд» (саҳ.6), дуюмаш куҷост? ва ғайраҳо.
3. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоиву техникӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд (саҳ1, 2, 11, 15, 48, 63, 74, 105, 112).

Таъкид кардан ба маврид аст, ки камбудиҳои мазкур аҳамияти назариявию амалии диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшударо кам

намекунад. Зеро ки довталаби дараҷаи илмӣ ба он мақсаде, ки дар кори таҳқиқотии худ гузоштааст, ноил шудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Солиҳов Саймурод Тағоймуродович дар мавзуи «Масъалаҳои иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ва бандҳои 31-33 Низомномаи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.07. 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯи ихтисоси 22.00.04 – сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои сотсиологӣ,
дотсенти кафедраи сотсиологияи
факултети фалсафаи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон **Таваллоев М.Т.**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
**E-mail:** muz_tv83@mail.ru
**Тел.:** (+992) 93-599-32-32

**Имзои н.и.с, дотсент Таваллоев М.Т.-ро тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ **Тавқиев Э.**

03.02.24

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
**E-mail:** tnu.int.re@gmail.com
**Веб-сайт:** www.tnu.tj
**Тел.:** (+992 37) 221-77-11; 221-47-96